Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асхобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат**

Мақсади таҳқиқот таҳияи чораҳо оид ба такмил додани системаи идоракунии кормандон дар меҳмонхона дар заминаи табдили фаъолияти рақамӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, таркиб ва вазифаҳои асосии системаи идоракунии кормандон муайян карда шуданд, тамоюлҳои муосири кормандон омӯхта шуда, технологияҳои рақамии кормандон таҳлил гардида ва таҷрибаи хориҷии такмили низоми идоракунии кормандон дар истифодаи воситаҳои рақамӣ баррасӣ карда шудаанд. Дар асоси таҳқиқот ва таҳлили фаъолияти меҳмонхонаҳо тадбирҳо оид ба такмили системаи идоракунии кадрҳо тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ пешниҳод карда шудааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии худ самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатиро дар татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ мақсади муҳими худ муайян намудааст. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот барои татбиқи «Барномаҳои давлатӣ оид ба мусоидат ба шуғли самараноки аҳолӣ», «Стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аҳамияти хоса дорад, ки то андозае самтҳои афзалиятноки истифодабарии захираҳои меҳнатиро пешбинӣ намуда, натиҷаи таҳқиқотро барои такмили минбаъдаи он пешбини намудааст.

Аҳамияти илмӣ ва назариявӣ дар автореферати диссертатсия асоснок гардидааст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии он барои

такмили механизми идоракунии кормандон ва муносибатҳои меҳнатӣ, ки таҳти таъсири трансформатсияи рақамӣ қарор доранд ифода меёбад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур аз коркард ва пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе интихоб гардидааст.

Дар рисола мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо вобаста ба нақшаи мантиқӣ муайян карда, методикаи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфтаро дар таҳлили хусусияти ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтор истифода намудааст.

Дар хулосаҳои бобҳо ва хулосаи умумии натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия бо дастрасии таҳлили пурра ва тавсияҳои мушаххас ҷамъбаст карда шудааст.

Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ нашр гардида, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамоянд.

Дар баробари ин дар автореферат камбудиҳо низ ҷой доранд, ки асоситаринашон мавҷуд будани хулосаҳои баҳсталаб мебошад, аз ҷумла:

1. Нишондиҳандаҳои асосии барои таҳлили амсилаи бисёромилаи таъсири омилҳо ба фаъолияти меҳмонхона ба таври зарурӣ нишон дода нашудааст;

2. Муаллиф дар расми 4 самтҳои афзалиятноки низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаро нишон додааст. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар онҳо мушаххас шарҳ дода мешудаанд.

Ҳамаи мулоҳизаҳои дар боло овардашуда фикри хусусӣ буда, рафъи он аҳамияти илмии рисоларо боз ҳам баланд мебардорад ва барои диссертант характери тавсиявӣ дорад.

Дар маҷмӯъ, аз рӯйи автореферати пешниҳодшуда метавон ба

хулосае омад, ки таҳқиқот пурра анҷом ёфта ҳисобида шуда, бешубҳа, асоси илмию амалӣ дорад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» мувофиқ ба талаботи меъёрҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи иқтисоди**
**корхонаҳо ва соҳибкорӣ** **Расулова Л.Н.**

**735360, Тоҷикистон,**
**вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб,**
**кӯч. С.Сафаров 16**
**Тел: (+992) 987 22 11 88**

**Имзои «н.и.и., Расулова Л.Н.»-ро**
**тасдиқ мекунам**
**Сардои Раёсати кадрҳо ва КМ** **Амиров Ф.**